# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

"1" 05 соли 2023 №80/ш шаҳри Душанбе

*Дар бораи рад кардани додани дараҷаи илмӣ*

Мутобиқи сархати 17 бандҳои 9 ва 18 Низомномаи муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270), бандҳои 7, 37, 108 ва 116 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА – 009 назди Институти математикаи ба номи А. Ҷӯраеви АМИТ "Оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 01.01.06 – Мантиқи математикӣ, алгебра ва назарияи ададҳо ба Фозилова Париноз Миралибековна" бинобар риоя нагардидани талаботи банди 42 Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва банди 92 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) бекор ва дар ин асос дархости Шуро рад карда шавад.
2. Ҳимояи такрории диссертатсияи Фозилова Париноз Миралибековна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 01.01.06 – Мантиқи математикӣ, алгебра ва назарияи ададҳо пас аз 3 моҳи ба тасвиб расидани фармоиши мазкур ба роҳ монда шавад.
3. Фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи муовини раиси Комиссия Иброҳимзода Д.Э. гузошта шавад.

Асос: хулосаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ – математикӣ ва техникӣ ва қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2023, №5.

Раис Розиқзода А.